В Диссертационный совет 6D. КОА - 018 при Таджикском национальном университете (Республика Таджикистан, 734025, город Душанбе, пр. Рудаки, 17.).

# ОТЗЫВ

на автореферат диссертации на тему: «Правовые проблемы регулирования качества товаров, работ и услуг в законодательстве Республики Таджикистан: цивилистическое исследование», на соискание учёной степени доктора юридических наук по специальности 12. 00. 03 – Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право (юридические науки),
автор - Мирзозода Парвон Зайналобудин

Актуальность темы исследования не вызывает сомнений, поскольку с развитием имущественного оборота соблюдение обязательных требований к производству товаров, оказанию услуг и выполнению работ приобретает большое социальное значение. Требование качества товаров (работ и услуг) является одним из существенных условий договора, а требование к пригодности, безопасности товаров, их эстетичности и др., приобретает все большее значение в современном мире.[1] При этом, когда государственные стандарты качества или конкретный товаропроизводитель устанавливают минимальные требования, стороны договора могут в индивидуальном взаимодействии устанавливать более высокие требования к качеству объекта купли - продажи, поставки, государственных закупок и т.д. Актуальность обеспечивается также тем, что автор называет «Практическими моментами совершенствования законодательства» на с. 17-19 автореферата диссертации на русском языке. Диссертация структурно состоит из введения, четырех глав, включающих тринадцать параграфов, заключения, списка использованной литературы и публикаций автора по теме диссертации (напр., с. 24 автореф. дисс. на русск. яз., далее – автореф. дисс.).

---

[1] См., напр.: Беликова К.М. Беликова К.М. Договорные сети и их влияние на благосостояние потребителей: правовое регулирование и перспектива // Право и политика. - 2021. – № 8. – С. 1-12. DOI: 10.7256/2454-0706.2021.8.35998 URL: https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=35998 (дата обращения: 30.06.2021); Беликова К.М. Беликова К.М. Исследование теоретических вопросов внедрения социальной коммерции: правовой взгляд на риски потребителя. // Пробелы в российском законодательстве. 2020. Т. 13. №6. С. 38-48. DOI: 10.33693/2072-3164-2020-13-6-038-048; Беликова К.М., Иншакова А.О. Потребители в Европейском Союзе: некоторые аспекты защиты прав. // Право европейского союза в 2 ч. Часть 2 : учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / А. Х. Абашидзе [и др.]. — 2-е изд., перераб. и доп. — М. : Издательство Юрайт. (Серия : Бакалавр и магистр. Академический курс), 2018. — С. 249-274 (293 с.); Беликова К.М., Бадаева Н.В., Ахмадова М.А. Некоторые правовые аспекты защиты права потребителей в странах ЕАЭС. // Пробелы в российском законодательстве. Юридический журнал. – 2016. – № 6. - С. 31-35; Беликова К.М. Защита прав и интересов присоединяющейся стороны в договорах присоединения (в т.ч. правовыми актами о защите потребителей) в странах БРИКС. // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 5: Юриспруденция. - 2014. - № 4 (25). – С. 68-77; Беликова К.М. Ответственность за вред, причиненный потребителям недоброкачественными товарами, в праве стран МЕРКОСУР. // Цивилист. - 2011. - № 3 (июль-сентябрь). – С. 17-22 и др.

Общий объем диссертации, как позволяет заключить автореферат, составляет 348 страницы. Таким образом, структура и объем диссертации вполне характеризуют степень разработанности в работе исследуемой темы.

Как обычно во введении автором раскрывается актуальность избранной темы исследования, обобщается степень ее исследованности другими авторами, анализируется связь диссертации с планом научно – исследовательской деятельности кафедры, на которой было выполнено настоящее исследование на 2021-2025 гг. (напр., с. 7 автореф. дисс.). Цели, задачи, объект и предмет исследования соответствуют теме исследования.

Основное содержание работы таково.

Первая глава диссертации (с. 25-29 атореф. дисс.) содержит анализ **«Теоретических проблем качества товаров, работ и услуг»** и состоит из четырех параграфов.

В первом параграфе этой главы - **«Товары, работы и услуги как объекты гражданских прав»** соискатель высказал свое мнение по обозначенному вопросу. Автор полагает, что объектами гражданского права являются материальные и нематериальные блага, которые имеют специфические индивидуальные, товарные и оборотоспособные признаки, связанные с другими объектами гражданского права, и удовлетворяют потребности заинтересованного лица.

Во втором параграфе этой главы - **«Качество товаров, работ и услуг: теоретическое и практическое осмысление»**, автор на основе анализа различных взглядов ученых и законодательства определяет, что качество в экономической деятельности - это совокупность обязательных требований к производству (пригодность, малозатратность и т.д.) и потреблению (безопасность, эстетичность и т.д.) являющимся объектом гражданского права, которые устанавливаются по услугам оценки соответствия. Эти требования предусмотрены не только в ГОСТах или частной системе управления качеством, но и в гражданско-правовых договорах. В последнем случае, качество является одним из существенных условий договора и требования в отношении него могут быть повышенными и иметь индивидуальные особенности. Поэтому, если ГОСТы, отраслевые стандарты или конкретным юридическим лицом предусмотрено минимальные требования к качеству объектов гражданских прав, стороны могут свободно установить в договоре более максимальный предел.

Третий параграф данной главы диссертации называется **«Безопасность товаров, работ и услуг как элемент качества»**. В ней соискатель отмечает, что понятие «безопасность» в потребительских отношениях отражает ситуацию, при которой отсутствует угроза причинения вреда здоровью, правам и интересам, как конкретного

лица (потребителя), так и неопределенного круга лиц (потребителей), а также окружающей среды.

В четвертом параграфе настоящей главы – **«Гарантия качества товаров, работ и услуг»** анализируются основные вопросы гарантийного обязательства и гарантийного срока как одного из условий его существования. Гарантийные обязательства прекращаются по общему правилу обязательственного права, в том числе после исполнения. Гарантийные обязательства считаются исполненными надлежащим образом, если в течение гарантийного срока в товарах, работах или услугах не обнаружены недостатки, отсутствие которых гарантировал производитель (продавец). Для гарантированного ремонта, как средства защиты интересов покупателей, необходимо соблюдение ряда обязательных условий. Закон и, в соответствии с ним, подзаконные акты должны устанавливать общие обязательные условия гарантийного ремонта. Он реализуется только при возможности полного восстановления пригодности, стабильности и полноты продукта.

Вторая глава диссертации (с. 29-34 автореф. дисс.) – **«Правовые средства обеспечения качества товаров, работ и услуг»** состоит из четырех параграфов.

В первом параграфе - **«Система методов обеспечения качества товаров, работ и услуг»** автор в результате объективного анализа определил, что система гражданско-правовых методов обеспечения качества товаров, работ и услуг можно классифицировать следующим образом: гражданско-правовой договор; внедоговорное обязательство; стандарты, технические регламенты, планы или технические декларации, технические условия; аккредитация субъектов по оценке соответствия и др.

Во втором параграфе настоящей главы - **«Техническое регулирование качества товаров, работ и услуг»** полностью анализируются понятие, цель и принципы данного вида регулирования качества.

Эти два параграфа следует признать дающими комплексную картину к положению 1, выносимому на защиту, например.

Третий параграф данной главы диссертации посвящен анализу важных проблем **договорных способов обеспечения качества товаров, работ и услуг.** В нем отмечается, что для обеспечения качества товаров, работ и услуг в договоре важно не только указать форму, порядок, метод определения качества, но и установить действенный надзор за их соблюдением.

В параграфе **четвертой - «Иные способы регулирования качества товаров, работ и услуг»** автор предлагает, что законодательно установить ответственность органа или

уполномоченного лица отрасли сертификации системы менеджмента качества за оказание некачественных услуг, а также для осуществления дополнительных надзорных процедур путем введения солидарной ответственности органа или уполномоченного лица при сертификации системы менеджмента качества профессионального участника рынка в случае причинения ущерба потребителю вследствие к недостатку товара, работы, услуги с учетом безусловного исполнения обязательства должны быть приняты дополнительные меры по обеспечению качества товара.

Договорные и иные способы регулирования качества товаров, работ и услуг вместе с параграфами 1 и 2 главы 2 способствуют разностороннему пониманию рассматриваемого вопроса. Одновременно параграф 4 главы 2 содержит и предложение по совершенствованию законодательства Республики Таджикистан: «…требуется зафиксировать на законодательном уровне ответственность органа государственной власти или уполномоченного субъекта в области сферы обслуживания за осуществление процедуры сертифицирования системы контроля качества при оказании некачественных видов услуг…», например (с. 33 автореф. дисс.).

Третья глава диссертации (с. 34-36 автореф. дисс.) посвящена важному вопросу - **«Способам обеспечения прав потребителей на качество товаров, работ и услуг»** состоит из двух параграфов.

Первый параграф посвящен **раскрытию сущности средств обеспечения субъективных прав потребителя на качество товаров, работ и услуг.** Для уяснения понимания сути вопроса автор отмечает, например, что деление отрасли права на публичное право и частное право имеет объективную основу, а также методологический характер изучения права как единого явления. Такое разделение отраслей права не является абсолютным, а скорее способствует совершенствованию социального и экономического бытия права. Рассуждая на эту тему, автор приходит к выводу о «Наличии правовых отраслевых инструментов…», предлагает различать «правовые средства обеспечения субъективных прав и свобод личности», которые «имеет реальное самостоятельное правовое существование, наряду с такими понятиями, как «правовые средства», «средства защиты и охраны» и т.д.» (с. 34 автореф. дисс.). Автореферат, однако не позволяет понять, в чем автор видит разницу между ними.

Второй параграф в этой части диссертации называется **«Правовые средства обеспечения качества товаров, работ и услуг»**, поскольку в нем анализируются специальные

правовые средства (напр., инструменты, методы по стандартизации; сертификация; формирование и определение технических требований и др., с. 35 автореф. дисс.).

Четвертая глава диссертации (с. 36-41 автореф. дисс.) касается **«Роли ответственности в обеспечении качества товаров, работ и услуг»** и состоит из трех параграфов.

Первый параграф посвящен основным проблемам **обеспечения качества товаров, работ и услуг средствами защиты и мер ответственности.** По мнению автора, под способами защиты субъективных гражданских прав понимаются материально-правовые меры указанного в законе принудительного характера, которые реализуются для восстановления (признания) нарушенных прав (в случае спорного решения) и воздействия на нарушителя. Существует меры, которые не являются наказаниями, они заканчиваются признанием прав или предотвращением нарушений. Однако меры ответственности имеют ограничительные санкции. Они отражают сущность юридической ответственности.

Во втором параграфе - **«Защита прав потребителей при реализации товаров (работ и услуг) ненадлежащего качества»** автор провел теоретический и практический анализ способов защиты указанных прав. В результате было определено, что права потребителей защищается судом. Иски предъявляются в суд по месту жительства истца или по местонахождение ответчика, либо по месту причинения ущерба.

В третьем параграфе этой части диссертации исследуются научно-практические **проблемы ответственности за нарушение требований к качеству товаров, работ и услуг.** Автор верно отмечает, что для того, чтобы потребитель без проблем использовал товар по назначению, продавец обязан предоставить потребителю необходимую информацию о товаре, сопроводительные документы (технический паспорт, инструкция по эксплуатации и т.д. – напр., с. 38-39 автореф. дисс.). В противном случае вследствие нанесения ущерба, недостачи продукции, товаров, работ, оказания услуг пострадавший (взыскатель), например, имеет право предъявить требование к правонарушителю (дебитору), а дебитор несет обязанность возместить вред, причиненный вредными действиями, если не доказано, что вред причинен умыслом потерпевшего, вследствие форс-мажорных ситуаций или вследствие несоблюдения пострадавшим предусмотренных норм в части использования продукций, результатов работ, оказания услуг или их сохранности (с. 39 автореф. дисс.). И так далее.

В заключении (с. 41-47 автореф. дисс.) автор, как представляется, еще раз со ссылками на свои опубликованные статьи (с. 52-60 автореф. дисс.), обобщает теоретические основы результатов своего исследования.

Между этими разделами находится раздел «Рекомендации по практическому использованию результатов исследования», то есть предложения по совершенствованию законодательства (с. 47-52 автореф. дисс.).

Вместе с тем, как любая работа настоящий автореферат диссертации позволяет сделать некоторые замечания, а, как результат индивидуального восприятия правового бытия позволяет считать некоторые выводы соискателя степени доктора юридических наук спорными.

1. Так, например, представляется, что в предложениях 1-3 положения 1, выносимого на защиту (с. 12 дисс.) содержится лишь констатация факта. Вместе с тем, спорен вывод в том же положении о том, что «Осуществляемые в Таджикистане реформы по стандартизации, внедрению различных услуг по оценке соответствия, аудиту качества и т.д., с одной стороны, развивают требования к производству и обороту объектов гражданского права, с другой стороны, устраняя препятствий в торговле и техническому регулированию, обеспечивает соблюдение гражданских прав предпринимателя», поскольку, во-первых, не все объекты гражданского права подлежат стандартизации, сертификации и другими средствам технического регулирования, во-вторых, устраняя существующие препятствий в торговле и техническом регулировании, требования могут одновременно и влечь за собой аккумулирования дополнительных ресурсов – временных, финансовых, человеческих, как, например, внедрение стандартизации в сфере искусственного интеллекта.[2] Поэтому автору диссертации необходимо балансировать в будущем свой подход с точки зрения относительности многих явлений.

2. Следует согласиться с мнением автора о том, что личность «…предпринимателя формируется на протяжении многих лет в результате самосовершенствования и уважения к другим. Поэтому цель предпринимателя состоит не только в получении дохода, прибыли или привилегии, но также имеет аспекты компетентности, человечности и честной торговли» (с. 27 автореф. дисс.). В этой связи стоит отметить, что, как позволяют заключить некоторые источники по вопросу правового регулирования наказаний за уголовные, например, преступления,[3] ранее предусматривались «…меры, по своей социально-правовой сути наказаниями не являющимися (прежде всего ввиду отсутствия у них неотъемлемого качества всякого наказания — кары). Так, в Руководящих началах по уголовному праву 1919 г.

---

[2] Подробнее см., напр.: Куприков Н.М., Башкирова Е.А. Вопросы стандартизации в сфере искусственного интеллекта // Компетентность / Competency (Russia). – 2022. - №3. – С. 14-18. DOI: 10.24412/1993-8780-2022-3-14-18

[3] См., напр.: Тулиев И.Р. 6.2. Проблемы системы наказаний и пути их решения по уголовному праву Таджикистана // Бизнес в законе. – 2010. - № 4. – С. 69-74.

[РСФСР, ст. 25[4] – авт.] среди видов наказания назывались следующие: а) внушение; б) выражение общественного порицания; в) принуждение к действию, не представляющему физического «лишения» (например, пройти определенный курс обучения); г) объявление под бойкотом; д) исключение из объединения на время или навсегда (ст. 25). УК РСФСР 1922 г. относил к наказаниям, как общественное порицание, … УК РСФСР 1926 г. – предостережение, первый Уголовный кодекс Таджикской ССР 1935 г. – общественное порицание и предостережение (ст. 18), а УК РСФСР 1960 г. и УК Таджикской ССР 1961 г. – общественное порицание (ст. 21).»[5] Эти меры воздействия – акт публичного порицания[6] - известны в ряде субъектов Российской Федерации, - Чеченской Республике, Кабардино-Балкарской Республике[7] и др. Известны они и праву зарубежных стран, например, в Египте в случае нахождения в научной работе, скажем, диссертации, плагиата применяется эта меры воздействия. Процедурно применяется при выявлении факта плагиата наряду с другими: 1) работу аннулируют, 2) налагается административный штраф, 3) собирается соответствующая комиссия и происходит акт публичного порицания. Уголовной ответственности нет.[8]

Учитывая также тот факт, что:

- отдельное исследование мер ответственности в контексте обеспечения качества товаров, работ и услуг проводится автором в параграфе 1 главы 4 (с. 36-37 автореф. дисс.),

- а на с. 37-38 автореф. дисс. в рамках параграфа 2 главы 4 ««Защита прав потребителей при реализации товаров (работ и услуг) ненадлежащего качества» автор говорит, что «провел теоретический и практический анализ способов защиты указанных прав. В результате было определено, что права потребителей защищаются судом.»,

-- возможно, возрождение такой меры принуждения к честности, равно как объявление бойкота, будет полезно для реализации обозначенной идеи автора? Каково мнение автора на этот счет?

---

[4] См. по адресу https://docs.cntd.ru/document/901870462?yclid=ldvfc65ol2908830649 (дата обращения: [illegible])

[5] См., напр.: [illegible] И.Р. Цит. соч.

[6] См., напр.: Общественное порицание как вид наказания. URL: https://youtu.be/Jco-FQ8eEvc (дата обращения: [illegible])

[7] См., напр.: Институт общественного порицания в Балкарии. URL: https://youtu.be/p0KE25vYgWw (дата обращения: [illegible])

[8] Сведения почерпнуты из беседы с Харехановым А.Г., доктором богословия, закончившим обучение и защитившим диссертацию в богословском учреждении Египта - Университете Аль-Азхар, доцентом МРО ВДО РИУ им. Кунта-Хаджи (Чеченская Республика).

3. Страницы 28-29 автореферата диссертации, на которых речь ведется о гарантиях качества товаров, работ и услуг, позволяют подчеркнуть верность акцентирования автором ряда проблем, в числе которых, например, автор говорит: «Анализ многолетнего опыта магазинов и связанной с ними инфраструктуры показывает, что обязательства по гарантийному ремонту технических центров не всегда выполняются точно, поскольку они не склонны давать такую информацию и предотвратить последующие жалобы от компании-производителя. … Часто гарантийные сервисные службы, не располагая даже требуемыми деталями, не выдают сертификат на замену, поскольку, на их взгляд, изделие не нуждается в комплексном обслуживании. Подобные обслуживающие предприятия, в силу собственной некомпетентности и технических причин, не в состоянии ликвидировать дефекты продукции (работы, услуги).» Вместе с тем автору следовало бы в контексте рассматриваемой темы обратить внимание и на современные механизмы, опосредующие взаимодействие поставщиков товаров, услуг и пр., в ходе которого покупатель/получатель услуги и пр. все чаще нуждается в продолжении отношений с продавцом/предприятием (организацией), оказывающей услуги в виде сервисного обслуживания, обновления версий программного обеспечения, получения бонусов и т.п. акций, которые покупку превращают в долгосрочное взаимодействие («сотрудничество») названных лиц (сторон договора),[9] как, например, при оформлении подписки на технические новинки, например, Яндекс.Станцией,[10] в случае, скажем, проблем «с подключением», что, по сути, полагаем в нынешнее время идентично качеству предоставляемого товара.

4. В связи с делаемым автором различием между «специальными юридическими средствами» обеспечения качества товаров, работ и услуг, в числе которых называются:

«– основные нормы по техническому и правовому обеспечению;

– инструменты, методы по стандартизации;

– сертификация;

– формирование и определение технических требований;

– лицензирование и другой порядок действий.» (с. 35 автореф. дисс., параграф 2 главы 3 диссертации),

---

[9] Стрыгин И.Ю. Современные технологии и тенденции в изменении общественных отношений. Сети. // Жизнеустройство или как нам жить вместе? – М.: Некоммерческое партнёрство «Содействие творческому развитию, инновациям, жизнеустройству», 2006.-С. 58-59 (85 с.). URL: https://studfile.net/preview/427247/#427247 (дата обращения: 02.02.2023)

[10] См. для примера и ясности, напр.: Anton Bulaev. Проблемы с Яндекс.Станцией по подписке. 18 фев 2022. URL: https://vc.ru/claim/367372-problemy-s-yandeks-stanciey-po-podpiske?yclid=ldvgkx9743346909657 (дата обращения: 01.02.2023)

«– остановка процесса производства (выпуск) товаров (работ, услуг) - может быть осуществлена, в результате чего может быть нанесен ущерб;

– снятие с производства товаров (работ, услуг), опасных для жизни и здоровья покупателей;…» (с. 35-36 автореф. дисс., параграф 2 главы 3 диссертации),

и, например, «договорными способами обеспечения качества товаров, работ и услуг», которые, по нашему мнению, как раз и являются правовыми, требуется, чтобы автор на защите диссертации пояснил, как, по каким критериям он различает «специальные юридические» и правовые, по нашему мнению, договорные способы обеспечения качества товаров, работ и услуг, ибо первые представляются нам средствами по сути техническими.

Эти вопросы не умаляют общего положительного впечатления, производимого работой ввиду ее комплексности и попыток найти собственные оригинальные подходы к решению известной научной и практической задачи. Тем самым настоящая диссертация соответствует п. п. 31, 33, 34 и 35 Порядка присуждения учёных степеней, утвержденного Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021г., за № 267., а ее автор - Мирзозода Парвон Зайналобудин - заслуживает присуждения искомой учёной степени доктора юридических наук по специальности 12. 00. 03 – Гражданское право; предпринимательское пра-во; семейное право; международное частное право (юридические науки).

Доктор юридических наук, профессор,
профессор кафедры предпринимательского
и корпоративного права
ФГБОУ ВО «Московский государственный
юридический университет
имени О. Е. Кутафина (МГЮА)» Ксения Михайловна Беликова

Адрес места работы: 125993, г. Москва, ул. Садовая-Кудринская, дом 9.

Рабочий телефон: 8 (499) 244-88-88 (доб. 429).

Рабочий адрес электронной почты: e-mail: KMBelikova@msal.ru

Подпись Беликовой К.М.
ЗАВЕРЯЮ

Управление кадров

Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот шубҳаовар намебошад, зеро бо рушди гардиши молу мулк риояи талаботи ҳатмии истеҳсоли мол, хизмат ва иҷрои кор аҳаммияти муҳимми иҷтимоиро касб менамояд. Талабот ба сифати мол (кору хизмат) яке аз шартҳои асосии шартнома ба ҳисоб рафта, талабот ба мувофиқатии он, бехатарии мол, эстетикаи онҳо ва ғайра дар замони муосир аҳаммияти бештарро касб намудааст[1]. Вақте ки стандартҳои давлатии сифат ё истеҳсолкунандаи муайяни мол

[1] Муфассал нигаред: Беликова К.М. Договорные сети и их влияние на благосостояние потребителей: механизмы регулирования и перспектива // Право и политика. – 2021. – № 8. – С. 1-12. DOI: 10.7256/2454-0706.2021.8.35998 URL: https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=35998 (дата обращения: 30.06.2023); Беликова К.М. Исследование теоретических вопросов внедрения социальной коммерции: правовой взгляд на риски потребителя // Пробелы в российском законодательстве. - 2020. Т. 13. №6. – С. 38-48. DOI: 10.33693/2072-3164-2020-13-6-038-048; Беликова К.М., Мищенко А.О. Потребители в Европейском Союзе: некоторые аспекты защиты прав // Право европейского союза в 2 ч. Часть 2: учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / А.Х. Абашидзе [и др.]. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт. (Серия: Бакалавр и магистр. Академический курс), 2018. – С. 249-274 (293 с.); Беликова К.М., Беликов Е.Г., Алиева М.А. Некоторые правовые аспекты защиты права потребителей в саранах БРИКС // Пробелы в российском законодательстве. Юридический журнал. – 2016. – № 6. – С. 31-35; Беликова К.М. Защита прав и интересов присоединяющейся стороны в договорах присоединения (в т.ч. применения законов о защите потребителей) в странах БРИКС // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 5: Юриспруденция. – 2014. – № 4 (25). – С. 68-77; Беликова К.М. Ответственность за вред, причиненный потребителям недоброкачественными товарами, в праве стран МЕРКОСУР // Цивилист. – 2011. – № 3 (июль-сентябрь). – С. 17-22 ва ҳоказо.

талаботи ҳадди ақалро муқаррар мекунанд, тарафҳои шартнома метавонанд инфиродӣ талаботи баландтари сифатро нисбат ба объекти хариду фурӯш, молсупорӣ, хариди давлатӣ ва ғайра муқаррар намоянд. Мубрамияти мавзуъ ҳамзамон бо он асоснок мегардад, ки муаллиф дар автореферати диссертатсия (саҳ. 17-19) як бахшро «Тавсияҳои амалӣ бобати мукаммалгардонии қонунгузорӣ» унвон кардааст. Сохтори диссертатсия аз муқаддима, чор боб, сенздаҳ зербоб, ҳулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишороти муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия (масалан, саҳ. 24) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 348 саҳифа иборат буда, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия сатҳи коркардшудаи мавзуи таҳқиқотро нишон медиҳад.

Чун қоида дар муқаддима муаллиф мубрамияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқот, сатҳи коркард шудани он аз ҷониби муаллифони дигар, робитаи диссертатсия бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра, ки таҳқиқоти мазкур дар солҳои 2021-2025 (масалан, саҳ. 7) ичро гардидааст, кушода дода мешавад. Мақсад, вазифа, объект ва предмети таҳқиқот ба мавзуъ мувофиқ мебошад.

Мазмуни асосии кор чунин аст.

Боби якуми диссертатсия (саҳ. 25-29) таҳлили «**Масъалаҳои назариявии сифати мол, кор ва хизмат**»-ро дар бар гирифта, аз чор зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми ин боб – «**Мол, кор ва хизмат ҳамчун объектҳои ҳуқуқи гражданӣ**», унвонҷӯ андешаҳои худро муфассал баён намудааст. Ба андешаи ӯ объектҳои ҳуқуқи гражданӣ чунин неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ мебошанд, ки дорои аломатҳои хоси инфиродӣ, молӣ ва муомилотӣ буда, бо дигар объектҳои ҳуқуқи гражданӣ алоқамандӣ дошта, эҳтиёҷоти шахси манфиатдорро қонеъ мегардонанд.

Дар зербоби дуюми ин боб – «**Сифати мол, кор ва хизмат: фаҳмиши назариявӣ ва амалӣ**» муаллиф дар асоси таҳлили назари мухталифи олимон ва қонунгузорӣ муайян менамояд, ки сифат дар фаъолияти

иктисодӣ – ин маҷмуи талаботи ҳатмии истеҳсолӣ (коршоямӣ, камхарҷӣ ва ғайра) ва истеъмолии (бехатарӣ, эстетикӣ ва ғайра) объектҳои хукуки гражданӣ буда, тибқи хизматрасониҳои музднoки баҳодиҳии мутобиқат муқаррар карда мешавад. Талаботи мазкур на танҳо дар стандартҳои давлатӣ ё низоми идоракунии хусусии сифат, балки дар шартномаҳои хукуки гражданӣ низ пешбинӣ карда мешаванд. Дар мавриди охирон сифат яке аз шартҳои муҳимми шартнома буда, талабот нисбат ба он метавонад аз талаботи ҷойдошта баландтар ва хусусияти инфиродӣ дошта бошад. Бинобар ин, агар стандарти давлатӣ, стандартҳои соҳавӣ ё корхонаи мушаххас ҳадди камтари талаботро ба сифати объектҳои ҳукуки гражданӣ пешбинӣ намоянд, ҳадди баландтари онро тарафҳо метавонанд дар шартнома муқаррар намоянд.

Зербоби сеюми ин боби диссертатсия – «**Бехатарии мол, кор ва хизмат хамчун унсури сифат**» номида шудааст. Дар он унвонҷӯ қайд менамояд, ки мафҳуми «бехатарӣ» дар муносибатҳои истеъмолӣ чунин ҳолатеро инъикос менамояд, ки таҳдиди расонидани зарар ба саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳо, ҳамчун субъекти (истеъмолкунандаи) муайян ё доираи номуайяни шахс (истеъмолкунандагон), инчунин муҳити зист вуҷуд надорад.

Дар зербоби чоруми ин боб – «**Кафолати сифати мол, кор ва хизмат**», масъалаҳои асосии ухдадории кафолат ва муҳлати кафолат ҳамчун яке аз шартҳои мавҷудияти он таҳлил гардидааст. Уҳдадориҳои кафолатӣ тибқи қоидаи умумии ҳуқуқи уҳдадорӣ, аз ҷумла пас аз иҷро қатъ мешаванд. Уҳдадориҳои кафолатӣ ба таври дахлдор иҷрошуда ба шумор мераванд, агар дар давоми муҳлати кафолат дар мол, кор ё хизмат ягон нуқсон пайдо нашуда бошад ва пайдо нашудани чунин нуқсонҳоро истеҳсолкунанда (фурӯшанда) кафолат дода бошад. Барои таъмири кафолатнок ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳои харидорон бояд як қатор шартҳо ҳатман риоя карда шаванд. Қонун ва санадҳои зерқонунӣ бояд шарти умумии ҳатмии таъмири кафолатнокро муқаррар

намоянд. Он танҳо ба шарте амалӣ мешавад, ки агар ба пуррагӣ коршоямӣ, устуворӣ ва пуррагии маҳсулотро барқарор намудан имконпазир бошад.

Боби дуюми диссертатсия (саҳ. 29-34) – «**Воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат**» аз чор зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми он – «**Низоми тарзҳои таъмини сифати мол, кор ва хизмат**» муаллиф дар натиҷаи таҳлили объективона муайян кардааст, ки низоми тарзҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизматро метавон чунин тасниф намуд: шартномаи ҳуқуқи гражданӣ; уҳдадории ғайришартномавӣ; стандартҳо, дастурҳои техникӣ, нақшаҳо ё эъломияҳои техникӣ, шартҳои техникӣ; аккредитатсияи субъектони баҳодиҳии мутобиқат ва ҳоказо.

Дар зербоби дуюми ин боб – «**Танзими техникии сифати мол, кор ва хизмат**» мафҳум, мақсад ва принсипҳои ин намуди танзими сифат мавриди таҳлили пурра қарор гирифтааст.

Ин ду зербобро тасвири умумӣ ё инъикоси нуктаи илмии 1-уми ба ҳимоя пешниҳодшаванда эътироф кардан мумкин аст.

Зербоби сеюми ин боби диссертатсия ба таҳлили масъалаҳои муҳимми тарзҳои шартномавии таъмини сифати мол, кор ва хизмат бахшида шудааст. Дар он қайд шудааст, ки барои таъмини сифати мол, кор ва хизмат дар шартнома на танҳо нишон додани шакл, тарз ва усули муайянкунии сифат муҳим аст, балки ба роҳ мондани назорати воқеӣ ва амалӣ аз болои риояи гардидани онҳо низ зарур мебошад.

Дар зербоби чорум – «**Тарзҳои дигари танзими сифати мол, кор ва хизмат**» муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба тартиби қонунгузорӣ оид ба масъулияти мақомот ё шахси ваколатдори бахши сертификатсияи низоми идораи сифат барои расонидани хизмати пастсифат, инчунин барои номатлуб амалӣ намудани тартиби минбаъдаи назоратӣ бо роҳи ҷорӣ намудани масъулияти муштарак нисбати мақомот ё шахси ваколатдор дар сертификатсияи низоми идораи сифати иштирокчии

касбии бозор дар ҳолати ба истеъмолкунанда бо камбудии мол, кор ва хизмати мазкур расонидани зарар, бо дарназардошти иҷрои бечунуҷарои уҳдадорӣ, чораҳои иловагии таъмини сифати мол андешида шаванд.

Танзими шартномавӣ ва дигар тарзҳои танзими сифати мол, кор ва хизмат дар якҷоягӣ бо зербобҳои якум ва дуюми боби дуюм барои дарки ҳамаҷонибаи масъалаи баррасишаванда мусоидат мекунанд. Ҳамзамон зербоби чоруми боби дуюм баҳри такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст: «...зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақоми ваколатдор дар соҳаи бахши хизматрасонӣ оид ба ҷорӣ намудани тартиби сертификатсиякунонии низоми назорати сифат ҳангоми расонидани хизматҳои пастсифат... муқаррар карда шавад» (саҳ. 33).

Боби сеюми диссертатсия (саҳ. 34-36) – «**Воситаҳои таъмини ҳуқуқҳои истеъмолкунанда ба сифати мол, кор ва хизмат**» аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми он ба кушодани **моҳияти воситаҳои таъмини ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунанда ба сифати мол, кор ва хизмат** бахшида шудааст. Барои равшан намудани моҳияти масъала муаллиф қайд менамояд, ба соҳаҳои ҳуқуқи омма ва ҳуқуқи хусусӣ ҷудо намудани соҳаҳои ҳуқуқ дар баробари заминаи объективӣ доштан, инчунин хусусияти методологии омӯзиши ҳуқуқро ҳамчун падидаи воҳид ифода месозад. Чунин тақсимоти соҳаҳои ҳуқуқ мутлақ набуда, бештар барои такмили ҳастии иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳуқуқ мусоидат мекунад. Муаллиф ин мавзуъро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки «мавҷудияти воситаҳои соҳавӣ-ҳуқуқӣ...» барои «воситаҳои ҳуқукии таъминкунандаи ҳуқуқу озодиҳои субъективии шахс» замина гузошта, имконият медиҳанд, ки мафҳумҳои «воситаҳои ҳуқуқӣ», «воситаҳои ҳифз ва

муҳофизат» ва ғайра аз ҳамдигар фарқ карда шаванд. Аммо автореферат ба мо имкон намедиҳад, то ин ки тафовути байни онҳоро дарк намоем.

Зербоби дуюм дар ин бахши диссертатсия – «**Воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат**» номида шудааст, чунки дар он воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ таҳлил шудаанд (масалан, воситаҳо, усулҳои стандартонӣ; сертификатсия; муқаррар намудани дастурҳои техникӣ ва ҳоказо, саҳ. 35).

Боби чоруми диссертатсия (саҳ. 36-41) – «**Нақши ҷавобгарӣ дар таъмини сифати мол, кор ва хизмат**» номида шудааст ва аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми он ба масъалаҳои асосии **таъмини сифати мол, кор ва хизмат ба воситаи чораҳои ҳимоя ва ҷавобгарӣ** бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф зери тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи субъективии граждани чораҳои моддӣ-ҳуқуқии дар қонун дарҷгардидаи хусусияти маҷбуркунидошта фаҳмида мешавад, ки ба воситаи он барқароркунии (эътирофи) ҳуқуқҳои вайронгардида (мавриди баҳс қароргирифта) ва таъсиррасонӣ ба ҳуқуқвайронкунанда амалӣ карда мешавад. Чораҳое ҳастанд, ки муҷозот намебошанд, онҳо бо эътирофи ҳуқуқ ё пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ анҷом меёбанд. Вале чораҳои ҷавобгарӣ дорои муҷозоти маҳдудкунанда мебошанд. Онҳо моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқиро инъикос мекунанд.

Дар зербоби дуюми он – «**Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши моли (кор ва хизмати) сифати номатлуб**» муаллиф тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои зикршударо аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ таҳлил намудааст. Муайян шудааст, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро суд ҳимоя мекунад.

Дар зербоби сеюми ин бахши диссертатсия масъалаҳои илмию амалии **ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талабот оид ба сифати мол, кор ва хизмат** таҳқиқ шудаанд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки барои он ки истеъмолкунанда бе ягон мушкилӣ молро тибқи таъинот истифода

намояд, фурӯшанда ухдадор аст ба истеъмолкунанда иттилооти зарурӣ оид ба мол, ҳуҷҷати ҳамроҳ (шиносномаи техникӣ, дастурамал оид ба истифодабарӣ ва ғайра – масалан, саҳ. 38-39) пешниҳод намояд. Баръакс, дар натиҷаи расонидани зарар ё камбудии мол, кор ва хизмати расонидашуда ҷабрдида (кредитор) ҳуқуқ дорад аз зараррасон (қарздор) талаб намояд, карздор бошад, ухдадор аст дар ҳаҷми пурра зарарро, ки бо амали зараррасон расонида шудааст, ҷуброн намояд, агар расидани зарар дар натиҷаи қасди ҷабрдида, қувваи рафънашаванда ё бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи истифодаи мол, натиҷаи кор, хизмат ё нигоҳдории онҳо аз ҷониби ҷабрдида исбот нагардад (саҳ. 39) ва ғайра.

Дар хулоса (саҳ. 41-47) муаллиф бори дигар бо истинод мақолаҳои чопкардааш (саҳ. 52-60) ва асосҳои назариявии натиҷаҳои таҳқиқоти худро пешкаш менамояд.

Дар байни ин бахшҳо бахши «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот», яъне пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ мавҷуд аст (саҳ. 47-52).

Ҳамзамон, ба монанди дигар рисолаҳо ба автореферати диссертатсия баъзе эъродҳоро баён кардан мумкин аст, зеро чун натиҷаи дарки инфиродии ҳастии ҳуқуқ баъзе хулосаҳои довталаби дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ баҳснок мебошанд.

1. Ҳамин тавр, масалан, чунин ба назар мерасад, ки ҷумлаҳои 1-3-и нуктаи илмии якум, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд (саҳ. 12) танҳо далелҳоро дар бар мегиранд. Дар нуктаи илмӣ чунин омадааст: «Ислоҳоте, ки дар Тоҷикистон оид ба стандартонӣ, ҷорӣ намудани хизматҳои гуногуни баҳодиҳии мутобиқат, аудити сифат ва ғайра амалӣ шуда истодааст, аз як ҷиҳат талабот оид ба истеҳсол ва муомилоти объектҳои ҳуқуқи граждaниро инкишоф медиҳанд, аз ҷиҳати дигар бо бартараф намудани монеаҳо дар савдо ва танзими техникӣ, риояи

ҳуқуқҳои граждании соҳибкорро таъмин менамоянд». Ин андеша аз чанд ҷиҳат баҳснок мебошад: якум, на ҳамаи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ стандартонӣ, сертификатсия ва танзими техникии дигар воситаҳо мебошанд; дуюм, бо бартараф намудани монеаҳои мавҷуда дар савдо ва танзими техникӣ, талабот метавонад дар як вақт боиси ҷамъ шудани захираҳои иловагӣ – замонӣ (вақт), молиявӣ, инсонӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани стандартонӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ гардад[2]. Бинобар ин, ба муаллифи диссертатсия лозим аст, ки муносибати худро бо падидаву зуҳурот дар оянда мутавозин ва мутаносиб созад, зеро аксарияти падидаву зуҳурот нисбӣ ҳастанд.

2. Ба андешаи муаллиф бояд розӣ шуд, ки шахсияти «... соҳибкор дар давоми солҳои тӯлонӣ, дар натиҷаи худтакмилдиҳӣ ва эҳтиром дар нисбати дигарон ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, ҳадафи соҳибкор танҳо дар гирифтани даромад, фоида ё имтиёз набуда, балки ҷиҳатҳои салоҳиятнокӣ, инсонгарӣ ва савдои одилонаро низ дорад (саҳ. 27). Ҳамин тавр, баъзе сарчашмаҳо имконият медиҳанд, то дар масъалаи танзими ҳуқуқии ҷазо барои ҷиноят хулоса барорем. Масалан, ҷиноятҳои пешин[3] ё «...чораҳое, ки аз ҷиҳати моҳияти иҷтимоию ҳуқуқиашон ҷазо намебошанд (пеш аз ҳама аз сабаби набудани сифатҳои ҷудонопазири ҳама ҷазо – подош). Аз ин рӯ, дар Асосҳои роҳбарикунанда оид ба ҳуқуқи ҷиноятии соли 1919 [ҶШФСР, моддаи 25[4] – муаллиф] аз ҷумлаи намудҳои ҷазо инҳо буданд: а) талқин; б) танқиди оммавӣ; в) маҷбур кардан ба амале, ки ифодагари «маҳрумӣ»-и ҷисмонӣ нест (масалан, гирифтани курси муайяни таҳсил); г) эълони бойкот; д) муваққатӣ ё доимӣ хориҷ шудан аз аъзогии иттиҳодия (моддаи 25).

---

[2] Муфассал ниг.: Куприков Н.М., Башкирова Е.А. Вопросы стандартизации в сфере искусственного интеллекта. // Компетентность / Competency (Russia). - 2022. - №3. - С. 14-18. DOI: 10.24412/1993-8780-2022- 3-14-18

[3] Ниг.: Тулиев И.Р. 6.2. Проблемы системы наказаний и пути их решения по уголовному праву Таджикистана. // Бизнес в законе. - 2010. - № 4. - С. 69-74.

[4] Ниг.: https://docs.cntd.ru/document/901870462?ysclid-ldvfc65ol2908830649 (дата обращения: 02.02.2023)

Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, танкиди оммавӣ ба сифати ҷазо эътироф менамуд, ... Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 – эҳтиёт, якумин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 – танқиди оммавӣ ва эҳтиёт (моддаи 18), Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1960 ва Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 – танқиди оммавӣ (моддаи 21)»[5]. Ин тадбирҳои таъсиррасонӣ – амали танқиди оммавӣ[6] – дар як қатор субъектҳои Федератсияи Россия – Ҷумҳурии Чеченистон, Ҷумҳурии Кабардину Балкар[7] ва ғайра маълуманд. Онҳо ҳамчунин дар ҳуқуқи баъзе мамлакатҳои хориҷӣ низ маълуманд, масалан дар Миср ҳангоми пайдо намудан асардуздӣ дар рисолаи илмӣ ин тадбири таъсиррасонӣ истифода мегардад. Ҳангоми ошкор намудани факти асардуздӣ дар баробари дигар ҳолатҳо ба таври мурофиавӣ татбиқ карда мешавад: 1) кор бекор карда мешавад, 2) ҷаримаи маъмурӣ ситонида мешавад, 3) комиссияи дахлдор ҷамъ оварда шуда, танқиди оммавӣ ба амал бароварда мешавад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ вуҷуд надорад[8].

Бо назардошти он ки:

- муаллиф дар банди 1 боби 4 (саҳ. 36-37) таҳқиқи алоҳидаи чораҳои масъулият дар заминаи таъмини сифати мол, кор ва хизматро гузаронидааст,

- ва дар саҳ. 37-38 дар доираи зербоби 2-и боби 4 « Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши моли (кор ва хизмати) сифати номатлуб», муаллиф қайд менамояд, ки «тарзҳои ҳимояи назариявӣ ва амали ин ҳуқуқҳоро таҳлил кардааст. Дар натиҷа муайян гардид, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро суд ҳимоя мекунад»,

---

[5] Ниг.: Тулиев И.Р. Цит. соч.

[6] Ниг.: Общественное порицание как вид наказания. URL: https://youtu.be/Jco-FQ8eEvc (дата обращения:
01.02.2023)

[7] Ниг.: Институт общественного порицания в Балкарии. URL: https://youtu.be/p0KE25yYgWw (дата обращения: 01.02.2023).

[8] Ин маълумотҳо аз мусоҳибаи донишманди руҳонӣ, хатмкардаи Донишгоҳи динии Ал-Азҳари Миср Хареханов А.Г., ки дар он ҷо рисолаи илмиашро низ ҳимоя намудааст, дотсенти МРО В ДО РИУ ба номи Кунта-Хаджи (Ҷумҳурии Чеченистон) ҷамъ оварда шудаанд.

- шояд, эҳё намудани чунин чораи маҷбуркунӣ ба ростқавлӣ ва ҳамчунин эълони бойкот барои амалӣ шудани андешаи ибрознамудаи муаллиф муфид бошад? Назари муаллиф дар ин бора чӣ гуна аст?

3. Саҳифаҳои 28-29-и автореферати диссертатсия, ки ба кафолати сифати мол, кор ва хизмат дахл дорад, имкон медиҳад, то ки дурустии таъкиди як қатор проблемаҳо аз ҷониби муаллиф тасдиқ гардад, аз ҷумла, масалан, муаллиф мегуяд: «Таҳлили чандсолаи таҷрибаи мағозаҳо ва инфрасохтори бо онҳо робитадошта нишон медиҳанд, ки уҳдадориҳои таъмири кафолатноки марказҳои техникӣ на ҳамеша дақиқ иҷро мегарданд, зеро онҳо ба додани ин гуна маълумотнома майл надоранд. ... Баъзан марказҳои таъмири кафолатнок, ҳатто қисмҳои эҳтиётии зарурӣ ҳам надошта, додани маълумотнома барои мубодиларо рад мекунанд, ба андешаи онҳо маҳсулот таъмири мураккабро талаб намекунад. Чунин марказҳои хизматрасонӣ бо сабабҳои техникӣ ва бесалоҳиятӣ наметавонанд нуқсони молро (иҷрои кор, хизматро) бартараф намоянд». Дар баробари ин, дар заминаи мавзуи баррасишаванда муаллиф бояд ба механизмҳои муосир, ки миёнаравӣ дар муомилоти мутақобилаи таъминкунандагони мол, хизмат ва ғайра мебошанд, диққат диҳад, ки дар рафти он харидор/гирандаи хизмат ва ғ. дар бештар маврид ба тамдид намудани муносибат бо фурӯшанда/корхона (ташкилот) ниёз дорад, ки дар шакли нигоҳдорӣ, навсозии барномаҳо, гирифтани бонусҳо ва ғайра таъмин намояд, саҳмияҳое, ки харидро ба ҳамкории дарозмуддати («ҳамкорӣ») шахсони номбаршуда (тарафҳои шартнома)[9] табдил медиҳанд, аз ҷумла ҳангоми обуна ба навовариҳои техникӣ, масалан, Яндекс.Стансия,[10] дар холати

[9] Стрыгин И.Ю. Современные технологии и тенденции в изменении общественных отношений. Сети. // Жизнеустройство или как нам жить вместе? - М.: Некоммерческое партнёрство «Содействие творческому развитию, инновациям, жизнеустройству», 2006. - С. 58-59 (85 с.). URL: https://studfile.net/preview/427247/#427247 (дата обращения: 02.02.2023).

[10] См. для примера и ясности, напр.: Anton Bulaev. Проблемы с Яндекс.Станцией по подписке. 18 фев 2022.
URL: https://vc.ru/claim/367372-problemy-s-yandeks-stanciey-po-podpiske7ysclicHdvgkx9743346909657 (дата

мушкилии «пайвастшавӣ», ки дар ҳақиқат дар шароити имрӯза ба ҳайси сифати моли пешниҳодшуда баробар мебошад.

4. Дар натиҷаи фарқиятгузорӣ байни «воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ» муаллиф барои таъмини сифати мол, кор ва хизмат, инҳоро номбар мекунад:

«- меъёрҳои асосии таъмини техникӣ ва ҳуқуқӣ;

- воситаҳо ва усулҳои стандартонӣ;

- сертификатсия;

- муқаррар намудани дастурҳои техникӣ;

- иҷозатномадиҳӣ ва ғайра» (саҳ. 35, зербоби 2, боби 3-и рисола),

«- боздоштани истеҳсолоти (амалигардонии) мол (кор, хизмат) метавонанд зараровар бошанд;

- аз истехсолот гирифтани моли (кор, хизмати) барои ҳаёт ва саломатии истеъмолкунандагон хатардошта;...» (саҳ. 35-36, зербоби 2, боби 3-и рисола),

ва муаллиф ба «усулҳои шартномавии таъмини сифати мол, кор ва хизмат» таваҷҷуҳи хос намудааст. Аз муаллиф талаб карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи рисолаи худ шарҳ диҳад, ки чӣ гуна, аз рӯйи кадом меъёр ӯ усулҳои «махсуси ҳуқуқӣ» ва ҳуқуқиро ҷудо менамояд. Ба назари мо, усулҳои шартномавии таъмини сифати мол, кор ва хизмат аслан воситаҳои техникӣ ҳастанд.

Ин масъалагузориҳо баҳои умумии мусбати асарро кам намекунанд. Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он – Мирзозода Парвон Зайналобудин сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

---

обращения: 01.02.2023).

ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Профессори кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва корпоративии
МТФДБ ТО "Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқшиносии Москва
ба номи О.Е. Кутафин (АДҲМ)" Ксения Михайловна Беликова

Суроғаи ҷои кор: 125993, ш. Москва,
кӯчаи Садовая-Кудринская, бинои 9.
Телефони корӣ: 8 (499) 244-88-88 (илова 429)
Суроғаи почтаи электронии корӣ: e-mail: KMBelikova@msal.ru

"СИЁНҶ"
ОБЩЕСТВО С ОГРАНИЧЕННОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТЬЮ "СИЁНҶ"
LIMITED LIABILITY COMPANY "SIYONJ"
ТАРҶУМА ДУРУСТ АСТ / ПЕРЕВОД ВЕРЕН
TRANSLATION IS CORRECT
DATE 15.02.2017
Address:

*Шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*15.02.2023. Ман, Сулаймонзода Ф.Д., нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақиқӣ будани имзои гузоштаи тарҷумони ба ман шинос Қодиров Оятулло Аъзамқуловичро шаҳодат медиҳам, ки дар ҳузури ман гузошта шудааст. Шахсияти ӯ муайян карда шуд.*

*Дар феҳрист таҳти №10д-___1047___ ба қайд гирифта шуд.*

*Боҷи давлатӣ ба маблағи 2,04 сомонӣ пардохт карда шудааст.*

*НОТАРИУСИ ДАВЛАТӢ:*

Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
НОТАРИУСИ ДАВЛАТӢ
Сулаймонзода Ф.Д.

Рақамгузорӣ, риштабандӣ ва бо мӯҳр тасдиқ карда шуд. аз 21 варақ иборат мебошад.
«15» 02 с.20 23
Нотариуси давлатӣ